**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ**
**ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МДТ «ДОНИШКАДАИ ТАҲСИЛОТИ БАЪДИДИПЛОМИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**

**МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**ГОУ «ИНСТИТУТ ПОСЛЕДИПЛОМНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В СФЕРЕ ЗДРАВООХРАНЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН»**

**734026 ш. Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 59. Тел.: 250-31-02**
**734026 г. Душанбе, проспект Исмоила Сомони, 59. Тел.: 250-31-01**

№ ____ аз/от «___» ______________ с 2025 г.
Ба/на № ____ аз/от ________________ с 2025 г.

**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон»,**
**д.и.т., профессор____________ Муҳаббатзода Ҷ.Қ.**
**«_31_» ______05______ 2025 с.**

## Тақризи

муассисаи пешбар МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" оид ба аҳамияти илмӣ ва амалии кори диссертатсионии Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи: «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи: «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти

силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» тибқи шиносномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ мутобиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҳоло мувофиқи омори расмӣ оид ба бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои дорои паҳншавии максималӣ ва минималии бемории сил мавҷуданд, вале хусусиятҳои минтақавии омилҳои хатари инкишофи бемории сил, махсусан дар манбаъҳои сирояти бемории сил омӯхта нашудаанд. Аксаран ин омилҳо аз неруи кадрӣ низ вобастагӣ дорад, ки барои ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои зиддисилӣ масъуланд. Омӯзиши омилҳои мазкур асоси гузаронидани тадқиқоти илмии мазкур гардидааст.

Зиёда аз ин, вазъияти эпидемиологии ноҳияи Восеъ, ки дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ҷойгир шудааст, муддати солҳои зиёде таҳти назорати ҷиддии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт. Дар он давра экспедитсияҳои илмӣ ташкил карда шуданд, ки ба ҳайати он олимон аз Федератсияи Русия шомил буданд. Вале хулосаҳои илман собитшудаи илмӣ оид ба сабабҳои вазъи номусоиди эпидемиологӣ дар минтақаи мазкур бароварда нашуданд. Дар кори мазкур таҳлили вазъияти кунунии мубориза бар зидди бемории сил дар ноҳияи Восеъ ва ноҳияҳои ба он ҳамшафати минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон гузаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи: «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ аз нигоҳи афзалиятнокии худ саривақтӣ, мубрамии масъалаи мазкур тасдиқ карда мешавад.

**Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд дар таҷрибаи бисёрсолаи муаллиф дар соҳаи вогиршиносӣ ва назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ,

инчунин дар таҳлили маводҳои аввалияи сершумори соҳавӣ такя карда шуда, асоснок мебошанд.

Дар асоси натиҷаҳои илмӣ Ғуломзода Б. З. дастурамалро барои духтурон дар мавзуи “Оиди ҳамкорӣ байни Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар якҷоягӣ бо хадамоти зиддисилӣ ва КАТС дар манбаъҳои сирояти силӣ” дар ҳаҷми 59 саҳифа таҳия карда, тибқи санадҳои тасдиқкунанда дар МД «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» ва МД “Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии вилояти Хатлон” ҷорӣ намудааст. Бояд қайд кард, ки дастурамали мазкур дар ҷаласаи таъбу нашри Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2024, протоколи №2 тасдиқ гардида дар ҳаҷми 100 адад нашр гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда** аз инҳо иборат аст: нахустин бор дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон омӯхта шудааст ва бо дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар дигар минтақаҳои мамлакат муқоиса карда шудааст; дараҷаи бо муоина фарогирӣ ва химиопрофилактикаи беморони иртиботдошта дар манбаъҳои беморӣи сили минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ошкор карда шуда, дар асоси он усули баланд бардоштани самаранокии назорат кардани иртиботҳо бо роҳи ҷалбкунии мутахассисони хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ пешниҳод карда шудааст; омилҳои асосии хатар, хусусиятҳои инкишоф ва саривақтӣ будани дараҷаи тасдиқкунии шаклҳои гуногуни беморӣи сил дар манбаъҳои сирояти беморӣи сили ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таҳлил карда шуданд; барои истифода дар амалия маҷмуи чораҳои пешгирии инкишофи беморӣи сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таҳия карда шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зумраи 30 мамлакати ҷаҳони дорои хатари баланди беморӣи сил дохил мешавад. Аз ин сабаб таҳқиқоти мазкури

илмӣ аҳамияти муҳими назариявӣ ва илмӣ-амалӣ дорад. Аҳамияти назариявӣ ҳамчунин бо иҷрои мавзуи илмии МД “Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» гузаронида шудааст ва бо амалишавии «Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои  2021-2025» вобаста мебошад. Аҳамияти илмӣ-амалиявии кор ҳамчунин аз таҳия ва дар амалияи клиникии муассисаҳои зиддисилии ҷумҳурӣ татбиқ намудани маҷмуи чораҳои пешгирии инкишофи бемории сил дар шахсони иртиботӣ дар манбаъҳои сирояти бемории сил иборат аст. Беҳтар намудани вазъи вогирии бемории сил дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоқикистон ба шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии беморон ва аҳолии кишвари азизи мо бешубҳа таъсири мусбӣ мерасонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот нашргардида тасдиқ карда мешавад. Хулосаву тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои омӯзиши муқоисавии дараҷаи беморшавӣ, фарогирӣ бо муоина ва омилҳои минтақавии хатари инкишофи бемории сил дар байни шахсони иртиботдошта дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон  асоснок карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Диссертант тафсири илмии 167 сарчашмаҳои илмиро гузаронидааст. Бо иштироки шахсии муаллиф таҳлили маълумотҳои омори расмии гирифторшавӣ бо бемории сил тайи солҳои 2022 ва 2023 дар ҳамаи 11 ноҳияи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон  мувофиқи Шакли БС-07, инчунин ҳамаи шаклҳои пуркардашудаи №075 ва №213 дар ин ноҳияҳо дар ҳамин давра гузаронида шудааст. Ҳамчунин 733 манбаъҳои эпидемии бемории сил дар ҳамаи 11 ноҳияи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таҳлил карда шуд, дар онҳо ҳамагӣ 3092 шахсони иртиботдошта ба қайд гирифта шуданд. Ҳамчунин муаллиф ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии батартибдорорандаи ташкили корро дар манбаъҳои сироят таҳлил намудааст. Ҳаҷми асосӣ ва ҳалкунандаи кор мустақилона иҷро карда шудааст ва як қатор навгониҳоро

дар бар мегирад, ки дар бора саҳми шахсии диссертант дар кори илмӣ шаҳодат медиҳанд. Навиштани ҳамаи бобҳои диссертатсия, таҳияи мақсаду вазифаҳо, муқарраротӣ барои ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаву тавсияҳои амалиявӣ шахсан аз тарафи диссертант иҷро карда шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯйи маводи диссертатсия 10 кори чопӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 Дастурамали методӣ, нашр карда шуданд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Мазмуни диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ кори таҳқиқи ба соҳаи вогиршиносии бемории сил саҳм гузошта ва анҷомёфта ҳисобида мешавад. Маводи диссертатсия дар 148 саҳифаи матни компютерӣ баррасӣ шудааст ва аз муқаддима, тафсифи умумии таҳқиқот, Боби 1 «Шарҳи адабиёт», ки аз се зербоб иборат аст; Боби 2 «Мавод ва усулҳои таҳқиқот»; Боби 3 натиҷаҳои бадастовардашуда, ки аз 7 зербоб иборат аст; Боби 4 таҳлили мушкилоти эпидемиологӣ ва таҳияи маҷмуи чораҳои такшили пешгирии омилҳои хавфи бемории сил; Боби 5 «Баррасии натиҷаҳои таҳқиқот», инчунин хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқоти илмӣ иборат аст. Диссертатсия бо 22 ҷадвал ва 4 расм ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 167 сарчашмаи илмиро дар бар мегирад. Ҳамчунин рӯйхати интишороти унвонҷӯи дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия замима карда шудааст.

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии он муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум** «Тамоюли нишондиҳандаҳои асосии эпидемиологӣ, омилҳои хавфи икишофи бемории сил дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон ва муносибати ташкилӣ ба гузаронидани чорабиниҳои профилактикӣ дар манбаъҳои сироятии Тоҷикистон (шарҳи адабиёт)», ки дар он оиди паҳншавии бемории сил дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон, оиди стратегияи барвақт ошкор намудан ва назорат намудани шахсони иртиботдошта ҳангоми бемории сил ва оиди омилҳо ва гурӯҳҳои хавфи гирифторшавӣ ба бемории сил, маълумоти дақиқ аз рӯйи интишороти олимон аз давлатҳои дуру наздик оварда шудааст.

**Дар боби 2** «Мавод ва усулҳои таҳқиқот» омадааст, ки мавод барои яке аз фаслҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили маълумотҳо дар бораи ҳодисаҳои бақайдгирифташудаи бемории сил дар давоми солҳои 2018-2023 ин маълумоти Регистри миллии маълумот оиди бемории сил «OpenMRS» дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат, инчунин ҳамаи 11 ноҳияи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2023 гардидааст, инчунин маълумотҳои ибтидоии ҳуҷҷатгузории аввалияи хадамоти зиддисилӣ: шакли № 036 (талони оморӣ барои бақайдгирии ташхисҳои хотимавӣ), шакли ҳисоботӣ оид ба бемории сил – Шакли №8, дафтари бақайдгирии беморон – БС-03 ва БС-03У, шакли ҳисоботи семоҳа – БС-07 ва БС-07У, инчунин ҳамаи шаклҳои пуркардашудаи №075 ва №213 дар ҳамаи 11 ноҳияи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2023 мебошад. Дар диссертатсия усулҳои таҳлилӣ, методӣ ва таҳлили нишондодҳои оморӣ истифода шудааст.

**Дар боби 3** «Дараҷаи бақайдгирии ҳодисаҳои бемории сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 2018-2023», ки аз 7 зербоб иборат аст, маълумоти зерин оварда шудааст: оиди таҳлили муқоисавии дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2023; оиди таҳлили муқоисавии дараҷаи гирифторшавӣ ба бемории сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои 2022-2023; оиди вазъи эпидемиологии

бемории сил дар байни баъзе аз гурӯҳҳои хавф (сирояти ҳамбастаи БС/ВНМО, ҳамбастагии БС/диабети қанд ва бемории сил дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ) дар вилоятҳои мамлакат дар муқоиса бо минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон; оиди самаранокии чораҳои профилактикӣ дар минтақаҳои гуногуни мамлакат; оиди баҳодиҳии фаъолияти хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дар ҳамбастагӣ бо хадамоти зидди бемории сил ва КАТС дар манбаъҳои сирояти бемории сил дар мисоли ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон; оиди самаранокии корҳои профилактикӣ дар манбаъҳои эпидемии сирояти бемории сил дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бо назардошти омилҳои хавфи инкишофи бемории сил; оиди вазъи эпидемиологии бемории сил дар ноҳияи Восеи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, аз ҷумла ҷамоати ба номи Худоёр Раҷабов (Пахтакор), дар давраи солҳои 2022-2023.

**Дар боби 4** таҳлили мушкилоти эпидемиологӣ гузаронида шуда, дар асоси он маҷмуи чораҳои ташкили пешгирии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силӣ дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таҳия карда шудааст;

**Дар боби 5** натиҷаҳои таҳқиқот дар муқоиса бо хулосаҳои дигар таҳқиқотҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Инчунин хулосаҳо, пешниҳодҳо барои истифода дар амалия ва рӯйхати интишороти истифодашуда дар охири диссертатсия оварда шудааст.

Барасмиятдарории диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

Тахассуси илмии довталаб Ғуломзода Б.З. ба ихтисоси илмии дархостшавандаи 14.02.02 – Вогиршиносӣ мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз он ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки дар он яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи тандурустӣ – сабабҳои паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи беморӣи сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хулоса ва пешниҳодҳои муҳим оиди бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таҳия карда шудаанд.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусиятҳои ҷузъӣ доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқоррараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи беморӣи сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботти мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ сазовор аст.

Тақризи муассаи пешбар дар асоси муққарраротӣ бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои тиббӣ, дотсент, мудири кафедраи эпидемиология, беҳдошт ва ҳифзи муҳити зист бо курси микробиология ва вирусология Мирзоев А.С. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи эпидемиология, беҳдошт ва ҳифзи муҳити зист бо курси микробиология ва вирусология муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протокол №_1__ аз _31 майи_ соли 2025).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: _4_ нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор _4_ нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**

Проректор оид ба илм ва инноватсияи
МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии
кормандони соҳаи тандурустии
Ҷумҳурии Тоҷикистон", д.и.т. С.Б. Давлатов

**Эксперт дар самти вогиршиносӣ:**

Мудири кафедраи эпидемиология,
беҳдошт ва ҳифзи муҳити зист бо
курси микробиология ва вирусология
МДТ "Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии
кормандони соҳаи тандурустии
Ҷумҳурии Тоҷикистон", н.и.т., дотсент А.С. Мирзоев

**Котиби илмии ҷаласа:**

н.и.т., дотсент Р.Р. Рофиев

Имзоҳоро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо Ф.А. Ҳафизова

ПОДПИСЬ ____________
ЗАВЕРЯЮ
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ
"31" 05 2025 г.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони И.Сомони 59
Тел.: +(992 37) 2503101
E-mail: gou@ipovszrt.tj support@ipovszrt.tj

"31" 05 соли 2025.